СУРАТҶАЛАСАИ №163

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

аз 10 ноябри соли 2026

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 16 нафар тасдиқ шудааст.

Иштирок доштанд 16 нафар: Раиси шуро - Иматзода Л.М., муовини раис - Раҳимзода Х., котиби илмӣ - Котибова Ш.П., аъзоён: Негматов С.Э., Гулмадов Ф., Латифзода Д.Н., Юнусова Н.М., Иззатова М.И., Каримзода М.Б., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Туронов С.Ш., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

РӮЗНОМА

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), (роҳбари илмӣ, Иматзода Л.М. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон) ва таъин намудани комиссияи экспертӣ

ШУНИДА ШУД:

Аз рӯйи масъалаи мазкур и.в.раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимзода Х. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Котибова Ш.П. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ҳакимова Барно Рустамовна диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 августи соли 2026, №591) мувофиқат мекунанд ва унвончӯ ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи

муқарарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

Диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишкадаҳои ҳарбӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), (роҳбари илмӣ, Иматзода Л.М. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Иззатова М.И. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия;
- Махкамов Д. номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои комиссия.
- Ҳакимова Ҷ.С.– номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: тарафдор - 16 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

И.в. раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимзода Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

Имзои Раҳимзода Х. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.